# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот. – Душанбе, 2026. – 383 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ анҷом дода шудааст, ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба:

- банди 1. Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ (корҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва татбиқпазирии онҳо; характери диалектикии алоқаи мутақобилаи илми педагогика ва амалияи таълим);
- банди 2. Таърихи рушди илми педагогика ва амалияи таълим (рушди таърихии амалияи таҳсилот; ташаккул ва рушди афкор; консепсияҳо, назарияҳо; омӯзиши монографияи мероси педагогии омӯзгорони маъруфи замони гузашта; таърихи этнопедагогика);
- банди 5 – Назария ва косепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низомҳои педагогии тарбия) мутобиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.**

Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки рушди ҷомеа дар ҳар кишвари пешрафта бо арзишҳои миллӣ ва таърихи афкори ниёгонаш пайвастагии ногусастанӣ дорад. Аз ҳамин сабаб, ҳар миллати соҳибтамаддун барои рушду ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон, такмили заковати маънавии мардум, пеш аз ҳама, густариши илм ва маърифат, эҳтироми омӯзгор, китобу барномаҳои таълимӣ, эҳтироми волидон, ташаккули худшиносӣ ва шинохти ҷойгоҳи худ истифодаи афкори

ниёгон аҳамияти калон дорад.

Аз ин нуқтаи назар, унвонҷӯй мавзуи бисер муҳимеро барои таҳқиқ интихоб кардааст, ки ба коркард ва асосноккунии тарбияи насли наврас дар истифода аз афкори ниёгон ҷиҳати рушди арзишҳои миллӣ дар онҳо муҳим мебошад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ вазъи омӯзиши афкори педагогии ниёгон ва нақши онҳо дар ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон, ҷанбаҳои педагогӣ ва психологӣ мутафаккирон ва пешниҳоду тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо баррасӣ шудааст.

Инсон имрӯз на танҳо ба малакаҳои амалӣ ва донишҳои назариявии нав, балки ба тавоноии беҳсозии доимии ин дониш ва малакаҳо зарурат дорад. Ба ибораи дигар, инсониятро азхудкунӣ ва бо ҳар роҳ рушд додани фарҳанги омӯзиш дар тамоми давраи ҳаёт зарур аст. Таҳсилро дигар набояд ҳамчун расми хос танҳо барои давраи аввали ҳаёти инсон ҳисоб кард.

Аз ин лиҳоз, унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ мавзуи бисёр муҳимеро барои таҳқиқ интихоб кардааст, ки ба коркард ва асосноккунии истифодаи афкори педагогии ниёгон дар ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон асос ёфтааст.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ бамасъалаҳои зерин диққат дода шудааст:

- арҷгузорӣ ва гиромӣ доштану истифодаи бомавриди арзишҳои миллӣ вобаста ба синну сол ва дарку фаҳмиши хонандагон дар даврони истиқлолият;
- баҳри ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон муҳим ва мубрам будани ғояҳои судманду ибратбахши афкори педагогии мутафаккирони барҷаста;
- мавриди истифода қарор додани арзишҳои миллӣ ва истифода аз афкори педагогии ниёгон ҳангоми баргузории ҳар як машғулият ва ҳар як мавзуъ.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Зулфия Кабир дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳод шудааст.

Дар баробари ин, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Зулфия Кабир дар таҳқиқоти илмии хеш таҳқиқу таҳлили мушкилотҳои муҳимеро

вобаста ба мавзуи кори илмии худ ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо то андозае комёб гаштааст. Зеро аз ҷониби муаллиф бо назардошти вазифаҳои матраҳгардида, маҷмуи методҳои таҳқиқотие ба кор бурда шуданд, ки якдигарро пурра кардаанд.

Тавре ки унвонҷӯй аз баргузории таҷрибаҳо муайян кардааст, истифодаи афкори педагогии ниёгон ҷиҳати асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллӣ дар тарбияи насли наврасу ҷавон пурра ҳалли худро наёфта, ба таври зарурӣ коркард нашудааст.

Ҳамин тавр, мубрамӣ, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии масъалаи баррасишаванда, инчунин, мавҷуд набудани таҳқиқот дар самти истифодаи истифодаи афкори педагогии ниёгон ҷиҳати асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллӣ дар тарбияи насли наврасу ҷавон интихоби мавзуи таҳқиқотии довталаби дараҷаи илмиро асоснок менамоянд.

**Дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Ин ҷо, пеш аз ҳама, вазифаҳо ва фарзияи илмии муаллифро қайд бояд кард, ки дуруст ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия мебошанд. Аз натиҷаҳои диссертатсия, таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии анҷомдода, аз рӯйи онҳо хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи муҳаққиқ бармеояд, ки ӯ ба мақсад расидааст ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл намуда, ниҳоят, фарзияҳои илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқ шудаанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот баҳсангез набуда, асоси илмиву воқеӣ доранд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии манзургардида собит месозанд, ки аз ҷониби муҳаққиқ, дарвоқеъ чунин корҳо ба сомон расидаанд:

- андешаҳои педагогии ниёгон оид ба масъалаҳои таълим ва тарбияи насли наврас баррасӣ карда шуданд;
- шароити мусоиди педагогӣ барои ташаккули арзишҳои миллии наврасону ҷавонон бо истифодаи афкори педагогии ниёгон, ки ба рушди шуури ватандӯстӣ ва ҳисси қарзи шаҳрвандӣ дар насли наврасу ҷавон мусоидат мекунанд, муайян карда шуданд;
- ҷанбаҳои асосии фаъолияти якҷояи хонандагон ва омӯзгорон вобаста ба истифодаи андешаҳои педагогии ниёгон дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ муайян карда шуданд;

- истифодаи афкори ахлоқии ниёгон дар ҷараёни таълиму тарбияи насли наврасу ҷавони мамлакат асоснок карда шуданд.

**Мақсади** таҳқиқот ошкор кардани хусусият ва шароитҳои мусоиди педагогии истифодаи афкори педагогии ниёгон ва татбиқи онҳо дар равандҳои таълиму тарбияи муосир мебошад.

Ба ҳайси предмети таҳқиқот унвонҷӯ афкори педагогии ниёгон ва аҳамияти онҳо дар тарбияи насли наврасро овардааст.

Таҳқиқот се марҳиларо дар бар гирифтааст:

- марҳилаи аввал, таҳлили назариявӣ: вазифаи марҳилаи мазкур аз муайян кардани шароит ва қонуниятҳои пайдоиш ва дар раванди таълиму тарбия ҳамгиро гардидани ғояҳои пешқадами педагогии ба таълиму тарбияи кӯдакон ва ҷавонон нигаронидашуда иборат мебошад;

- марҳилаи дуюм, ба барқарорсозии робитаи афкори педагогии асрҳои миёна бо ғояҳои педагогии мавҷудбуда дар сарчашмаҳои адабии Шарқ ва Осиёи Миёна, ҷамъоварии маълумот ва таҳқиқоти майдонӣ нигаронида шудааст;

- марҳилаи ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳо: дар марҳилаи мазкур коркарди маводи ҷамъоваришуда, шарҳу тафсир ва ҷамъбасти он, инчунин, танзими хулосаҳо ва пешниҳоди тавсияҳо анҷом дода шудааст.

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Аҳмадзода Зулфия Кабир, ҳамчунин, хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯйи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй дорои навгонии баланди илмӣ мебошад.

Ин навгониҳо дар баробари бархурдорӣ аз тозагӣ, муҳимму мубрам будан, инчунин, ҷусторҳову ковишҳои дақиқи муаллифи диссертатсияро шарҳу тафсир мекунанд.

Мавриди зикр аст, ки дар кори таҳқиқотӣ бори нахуст консепсияи дар насли наврасу ҷавони мамлакат ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарии ба ғоя ва андешаҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ асосёфта, инчунин, асосноксозии назариявии раванди дар насли наврасу ҷавони тоҷик ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ таҳия шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда, ки дар таҳқиқот инъикоси худро ёфтаанд, тавассути методологияи муносибати бонизом, назарияи илмии ташхиси педагогии дар асоси методҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқикот, инчунин, бо таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, исботи нуктаҳои асосии дар фарзияи илмӣ пешниҳодшуда, хулосаи маҷмуи методҳои мутобиқ ба вазифаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ҳамчун педагог таъмин карда шудаанд.

Аз ин дидгоҳ, довталаб тахқиқоти шоёну муҳимеро ба сомон расонидааст, ки дархури ниёзҳои ҷомеаи имрӯза мебошад.

Саҳеҳият ва асоснокии илмии хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тавассути далелҳои методологии амалияи муқаррарот аз он иборат аст, ки хулосаҳои гирифташуда дар рушди илми педагогика, таъминоти таълимӣ-методии усул, дастури таълимӣ-методӣ, барномаи корӣ барои хонандагон ва ғайраҳо коркард шуданд. Ин таъминоти таълимӣ-методиро омӯзгорон метавонанд дар низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми баргузории дарсҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, инчунин, шунавандагони низоми такмили ихтисос истифода баранд.

Таҳқиқоти пешниҳодшуда аз нуктаи назариявӣ ва методологӣ ҷиҳати муққаррарот бо асоснокии худ мувофиқ, бо мавзуъ ва предмети таҳқиқот комилан муносиб мебошад.

Натиҷаҳои илмии бадастомада бо муваффақият дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ карда шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки таҳқиқот на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок аст, балки дар амал низ самарабахш мебошад.

Хулосаҳо дорои арзиши назариявӣ мебошанд, инчунин, ба эҳтиёҷоти амалии муассисаҳои таълимӣ ҷавобгӯанд ва барои беҳтар ба роҳ мондани сифати таълиму тарбия мусоидат мекунанд.

Илова бар ин, қайд кардан лозим аст, ки арзиши баланди таҳқиқот ба таври амиқ ва ҳамаҷониба масъалаи муҳимро омӯхта, усулҳои муосири таҳқиқотиро истифода бурда, дар амал натиҷаҳои мусбат нишон додааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Зулфия Кабир тахти унвони «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон

дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» аз ҷиҳати эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.**

Диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир таҳти унвони «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» аз муқаддима, 5 боб, 13 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аз 404 номгӯй дар ҳаҷми 383 саҳифа таҳия гардидааст.

Боби 1-уми диссертатсияи ба масъалаи Асосҳои таърихии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии халқи тоҷик бахшида шуда, аз се зербоб иборат аст:

Зербоби якум «Тавсифи умумии арзишҳои ахлоқии миллӣ ва умумибашарӣ», зербоби дуюм «Асосҳои пайдоиш ва инкишофи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ», зербоби сеюм «Мафҳуми анъана ва расму оинҳо ҳамчун арзишҳои ахлоқии миллӣ ва аҳамияти онҳо дар тарбияи ҷавонони донишҷӯ» номгузорӣ гардидааст.

Боби 2-юми диссертатсия ба пайдоиш ва рушди андешаҳои педагогии ниёгон ва нақши онҳо дар рушди педагогикаи муосири тоҷик бахшида шудааст, ки ин боб аз се зербоби зерин иборат аст:

- зербоби 1 «Зуҳур ва рушди афкори педагогии мутафаккирони тоҷик»;
- зербоби 2 «Асосҳои пайдоиш ва рушди арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ»;
- зербоби 3 «Ғояҳои мутафаккирони тоҷик дар бораи ташаккули шахсият дар раванди таълиму тарбия».

Боби 3-юми диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир ба арзишҳои ахлоқию маънавии таълиму тарбия дар осори ниёгони халқи тоҷик бахшида шудааст. Ин боб аҳамияти фарҳангӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавонро зимни истифодаи афкори педагогии ниёгон амиқтар таҳлил мекунад ва аз се зербоб иборат мебошад.

Боби 4-уми диссертатсия ба масъалаи нақши андешаҳои педагогии ниёгон дар ташаккули арзишҳои миллию инсонии насли наврасу ҷавон бахшида шудааст, ки аз ду зербоб иборат мебошад.

Боби 5-уми диссертатсия «Таҳлили ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии насли наврасу ҷавон бо истифода аз ғояҳои педагогии ниёгон

дар шароити муосир» номгузорӣ карда шудааст. Ин боб аз ду зербоб иборат мебошад.

Хулосаи диссертатсия аз 5 банд ва тасияҳо иборат мебошад, ки тавсияҳои амалӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқот хеле арзишманд нишон дода шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Арзиши илмӣ ва амалии кори диссертатсионӣ дар навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот инъикос ёфтаанд. Мавзуи мавриди таҳқиқ вобаста ба аҳамияти илмиаш метавонад ба назария ва амалияи педагогика дар таълиму тарбияи насли ояндасоз саҳми арзишманд гузорад.

Ин таҳқиқот метавонад роҳҳои навро барои истифодаи самараноки афкори педагогии ниёгон дар ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон пешниҳод намояд.

Аҳамияти илмӣ. Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуқтаҳои зерин муаррифгари онанд:

_ мавзуи интихобшуда ба таври лозима таҳқиқ ва коркард шудааст;

_ методикаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, ки дар асоси мушкилоти таҳқиқот муайян карда шудааст;

_ аҳамияти методологӣ ва илмию амалии ин мавзуъ дар шароитҳои муосири низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ, иттилоотонии ҷомеа мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Аз ҷиҳати амалӣ, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд барои омӯзгорон, методистон ва кормандони соҳаи маориф дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, воситаҳои таълимӣ ва дастурҳои методӣ истифода шаванд. Таҳқиқот метавонад барои ташкили курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар самти истифодаи афкори педагогии ниёгон дар ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Зулфия Кабир таҳти унвони «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» ба ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон зимни истифодаи афкори педагогии ниёгон мусоидат хоҳад кард.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода карда, дар 3 монография, 2 дастури таълимӣ, 54 мақолаи илмӣ инъикоси худро ёфтаанд, ки 22 номгӯйи

онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**.

Тартиби таҳияи диссертатсия мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ – доктори фалсафа (PhD), номзади илм ва доктори илм таҳия шудааст.

Матни диссертатсия мутобиқ ба муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст равон, дақиқ ва бо забони тоҷикӣ ба таври босаводона таҳия гардида, сохтори он, ҷойгиркунии қисмҳои гуногун, пайвасти мантиқӣ ва муттасилии маводи илмӣ пурра риоя шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои техникӣ, имлоӣ, оморӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллиф оид ба истифодаи афкори педагогии ниёгон дар ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон таҳқиқот гузаронида, дар диссертатсия маълумоти умумӣ овардааст. Хуб мешуд, ки дар доираи ҷалвал ё диаграмма оид ба натиҷаи таҳқиқот маълумоти асоснок пешниҳод мекард.

2. Ба назари мо, вазифаҳои таҳқиқ такмилро талаб намуда, дар феҳристи адабиёти истифодакардашудаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати кори диссертатсиониро баланд мекунад.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферати он баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикргардида, хусусияти тавсиявӣ дошта, дар маҷмуъ аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи

истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои педагогӣ, и.в.**
профессори кафедраи педагогикаи
умумидонишгоҳии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Давлатзода Ҷамила

« 13 » июни соли 2026.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. А. Ғуломов, 64/1, х.30;
тел.: (+992) 907 95 06 35

Имзои Давлатзода Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон Шодихонзода Э.

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,
тел.: 372 21 7711;
Суроғаи электронӣ: https://tnu.tj